# ТАҚРИЗ

**ба кори диссертатсионии Алии Таҳассурӣ дар мавзӯи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳримҳои иқтисодӣ (дар мисоли саноати устони (вилояти) Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳои ва 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) пешниҳод шудааст.**

## I. Аҳамияти мавзӯи иитихобшуда

Дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии исломии Эрон, ки таҳти таҳримҳои шадиди низомҳои бузурги иқтисоди ҷаҳон қарор дорад, тавсеаи сиёсати истифодаи иқтидорҳои дохилӣ, аз он ҷумла тавассути таъмини рушди соҳибкории хурду миёна меҳвари асосии сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин солҳои охир дар Ҷумҳурии исломии Эрон дар ин самт як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда, вале бинобар сабаби зарфияти бузург доштани бахши давлатии иқтисодиёт як қатор мушкилоти фанни ва институтсионалӣ дар таъмини инкишофи соҳибкории хурду миёна, махсусан дар бахши саноати кишвар мавчуд аст. Рафъи мушкилоти мазкур вазифаи аввалиндараҷа ва рӯзмарра ба ҳисоб рафта, дар ин самт омӯзиш ва асосноккунии чораҳо ва тадбирҳои хос аз чумлаи вазифаи муҳимтарини илми иқтисодӣ ва тадқиқотҳои хос мебошад. Дар баробари ҷиҳатҳои таъкидшуда, муаллиф ба маврид таъкид месозад, ки айни замон зарурати бознигарии сиёсати давлат, ки бештар фарогири соҳаҳои содиротӣ ва соҳибкории бузург аст, ногузир аст.

Ҳамзамон қобили қайд аст, ки маҳдудиятҳои вобаста ба содирот ва воридот, ки нисбат ба Ҷумҳурии исломии Эрон татбиқ карда мешавад, зарурати рушди иқтисоди корхонаҳои хурду миёнаи соҳаи саноатро мубрам сохта, тавассути тақвияти иқтидори содиротӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионии онҳо бахши мазкурро ба муҳаррики иқтисодиёти кишвар табдил додан имконпазир аст. Маҷмуи далелҳои дар боло овардашуда ва бо назардошти таҷрибаи собитшудаи ҷаҳонии нақш ва аҳамияти соҳибкории хурду миёна дар рушди иқтисодиёти кишварҳо мавзӯи мазкур мубрамияти илмии бебаҳс дошта, дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад.

## II.Баҳодиҳии сохтор, сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ ва хулосаву тавсияҳое, ки дар кори диссертатсионӣ оварда шудаанд

Кори диссертатсионии Алии Таҳассурӣ аз сарсухан, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки фарогирӣ 250 номгӯй мебошад.

Дар сарсухани кори диссертатсионӣ муҳимияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мушкилот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмети он, асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот, заминаи иттилоотӣ ва навовариҳои таҳқиқот, аҳамияти амалӣ ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ **"Асосҳои назариявии инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир"** моҳияти иқтисодиву иҷтимоии соҳибкории хурду миёна, моделҳои иникшофи он ва таҷрибаи хориҷии ҳимояи давлатии соҳибкории хурду миёна таҳқиқ шудааст.

Дар ин боб муаллиф дар асоси таҳлил ва таҷзияи заминаҳои консептуалӣ марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи назарияи соҳибкориро даврабандӣ намуда, дар ин асос сохтори консептуалии рушду инкишофи корхонаҳои хурду миёнаро таҳия намудааст, ки дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва методологӣ мебошад (саҳ. 24). Мауаллиф дар ин замина ба маврид таъкид менамояд, ки баррасии роҳкориҳои муносиб метавонад дар рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои саноат гардад. Таъкидҳои муаллиф атрофи зарурати омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи дурусти он дар шароити Ҷумҳурии исломии Эрон низ қобили дастгирӣ буда, аз ҷумлаи ҷиҳатҳои эътимодноки кори диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асоси вазифаҳои гузошташуда дар боби якуми кори диссертатсионӣ муаллиф моделҳои мухталифи инкишофи соҳибкориро баррасӣ намуда, дар ин замина хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкорӣ ва таъсири онҳо ба рушди он мушаххас карда шудааст. Муаллиф дар ин самт таъкид месозад, ки зимни истифодаи моделҳои гуногуни инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ бояд таъминоти медотӣ, методологӣ ва институтсионалӣ истифода карда шаванд, зеро тарҳи касб ва кор шомили афзалиятҳои муҳими фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

Зимни омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муаллифи кори диссертатсионӣ назарияҳои олмиони машҳури ҷаҳониро таҳлил намуда, дар ин замина барои Ҷумҳурии исломии Эрон ва вилояти Курдистони он як қатор тавсияҳо коркард намудааст, ки шомили чораҳои муҳими молиявӣ, андозӣ, таълимӣ ва ҳимояи қонунӣ мебошад. Ҳамчунин сиёсатҳои ҳимоявии Олмон, Австрия ва Италия баррасӣ карда шуда, аз рӯйи натоиҷи он хулосаҳои амиқ бароварда шудааст.

Дар боби дуюм **"Таҳлили омилии рушду инкишофи корхонаҳои хурду миёна дар устони Курдистони Ҷумҳурии Исломии Эрон"** омилҳои ба фаъолияти содиротиии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ таъсиррасон, осебпазирии инкишофи корхонаҳои хурду миёна ва

омилҳои ҷойгиркунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар устони Курдистон таҳлил карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифода аз равиши SMART омилҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсиррасонро таҳлил ва таҷзия намуда, дар асоси пурсиши анҷомшуда сатҳ ва дараҷаи таъсири онҳоро мушаххас намудааст. Дар баробари ин омилҳои таъсиррасон дараҷабандӣ шуда, вобаста ба ин мушкилоти ҷойдошта шинохта шудааст. Ҳамзамон муаллиф осебпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатиро бо такя ба гурӯҳбандии олмилҳои таъсиррасон асоснок намуда, тарҳи мафҳумии таҳқиқот ва ҳавзаҳои ҳимоятии давлатро пешниҳод намудааст. Зимни таҳқиқи омилҳои ҷойгиркунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар устони Курдистони Ҷумҳурии Исломии Эрон муаллифи кори диссертатсионӣ худи омилҳо ва мазмуни онҳоро шарҳ додааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ **“Самтҳои афзалиятноки иникшофи корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои Эрон”** дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна, такмили низоми менеҷменти стратегӣ дар корхонаҳои хурду миёна ва ояндабинии рушди соҳибкории хурду миёна дар сатҳи минтақа асоснок карда шудааст.

Дар зербобҳои боби мазкур муаллифи кори диссертатсионӣ асосҳои илмию методии дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёнаро таҳқиқ намуда, низоми ташкилию институтсионалии онро дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баррасӣ намудааст. Вобаста ба ин дар самти андозситонӣ, низоми омодакунии кадрҳо, рушди бизнес-инкубаторҳо ва мушкилоти ҷойдоштаи рушди соҳибкорӣ дар шароити Ҷумҳурии Исломии Эрон ва минтақаҳои он илман асоснок карда шудааст.

Дар баробари ин самтҳои асосии такмили низоми менеҷменти стратегӣ ва рушди низоми ояндабинии соҳибкории хурду миёна тадқиқ шудааст, ки дар заминаи муқоисаи таҷрибаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ва асосноксозии самтҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна дарс сатҳи минтақа тавсияҳои муассир коркарда шудаанд.

Хулосаву пешниҳодот фарогирӣ натиҷаҳои асосии ба дастомада ва пешниҳодҳои коркардшуда мебошанд.

Таҳлил ва баррасии маводҳои зиёди назариявӣ ва боэътимоди амалӣ, адабиёти соҳавӣ ва дастовардҳои муҳими назарияи ташаккул ва инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, асноди институтсионалӣ, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмӣ аз қабили таҳаввулотӣ-таърихӣ, институтсионалӣ, усулҳои умумиилмии диалективӣ-мантиқии таҳлил ва

синтез, муқоисанамоӣ, таҳлили коррелятсионӣ, тамсилабандии иқтисодӣ-математикӣ, қаторҳои динамикӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ, инчунин усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо, анкетакунонӣ, гузаронидани таҳлил ва гурӯҳбандии натиҷаҳои он эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсиониро таъмин намудаанд.

Асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муқаррароти назариявӣ ва амалии ба дастомада дар иникшофи назарияи соҳибкории хурду миёна нақши муҳим дошта, тавсияҳои коркардшуда метавонанд зимни таҳияи моделҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳримҳои иқтисодӣ истифода карда шаванд.

**III. Навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ**

Нововарии илмии таҳқиқот аз асосноккунии назариявии усулҳо ва самтҳои асосии такмилдиҳии танзими давлатии соҳибкории истеҳсолии хурд ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолии хурду миёна иборат аст. Ба сифати унсурҳое, ки дорои хусусияти навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳо шомил мебошанд:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявии инкишофи соҳибкории хурду миёна хусусиятҳо ва асосҳои фарққунандаи рушди соҳибкории истеҳсолии хурд муайян ва аниқ карда шудааст;

- дар асоси баҳодиҳии тамоюли рушди соҳибкории истеҳсолии хурд дар устони Курдистони Эрон сиёсати рафтори сохторҳои соҳибкории истеҳсолии хурд дар шароити рақобатнок асоснок карда шудааст;

- омилҳо ва заминаҳои асосие муайян гардидаанд, ки онҳо суръати рушди субъектҳои соҳибкории истеҳсолиро бозмедоранд, инчунин шароити ташкилию иқтисодии таъмини рақобатпазирии соҳибкории истеҳсолии хурд дар асоси ташкил намудани бизнес-инкубаторҳо муайян гардидаанд;

- таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи соҳибкорӣ дар асоси омӯзиши роҳу усулҳои танзими соҳибкорӣ дар кишварҳои пешрафтаи дунё ҷамъбандӣ гардида, дар ин асос моделҳои мухталифи инкишофи соҳибкорӣ пешниҳод гардидаанд;

- стратегияи рушди соҳибкории истеҳсолии хурд таҳия гардидааст ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои истехсолии хурд дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии воҳиди маъмурии мушаххас баҳогузорӣ карда шудааст;

- самтҳои асосии танзими давлатии рушди соҳибкории истеҳсолии хурд дар асоси пешниҳоди накшаи нави ташкил ва беҳтаргардонии

инфрасохтори лозимаи он асоснок карда шудааст, ки он бо низоми тафриқавии тақсимоти ташкилотҳои он беҳтар гардонида шудааст.

Аҳамияти амалии дар он ифода меёбад, ки татбиқи муқаррароти методӣ ва тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмӯи чорабиниҳои аввалиндарача оид рушди соҳибкории хурду миёна дар коркард шаванд. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми такмилдиҳии қонунгузорӣ дар самти танзими рушди соҳибкории хурду миёна, мусоидат ба фаъолияти содиротии соҳибкории хурду миёна, ҳимояи давлат аз осебҳои мухталиф ва гайра метавонанд истифода шаванд.

## IV. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ

Дар баробари баҳодиҳии мусбати кори диссертатсионии мазкур ҳаминро қайд менамоем, ки он дорои баъзе камбудӣ ва норасогиҳо мебошад. Аз ҷумла:

- Новобаста аз он, ки ҳадафи аслии таҳқиқоти мазкур баррасии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити таҳримҳои иқтисодӣ мебошад, муаллифи кори диссертатсионӣ ба назария ва методологияи идоракунии фаъолиятҳои иқтисодӣ дар қолабҳои назарияи буҳрон ва идоракунии зиддибуҳронӣ кам таваҷҷуҳ намудааст. Зимнан равиши системавии инкишофи корхонаҳои хурду миёна низ бе назардошти ҳолати таҳрим таҳия шудаанд;

- Зимни таҳлил таҷрибаи хориҷа ва коркарди тавсияҳо муаллифи кори диссертатсиониро зарур буд таҷрибаи давлатҳоеро баррасӣ намояд, ки дар ҳоли таҳрим қарор дошта, дар онҳо фаъолияти соҳибкории миллӣ таҳти таъсири такконҳои шадиди берунӣ қарор дорад. Ҳамзамон эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар ҳоле тақвият меёфтанд, ки агар муаллиф роҳи ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаро бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ мушаххас менамуд.

- Дар кори диссертатсионӣ муаллифи он бештар ба мушкилот ва роҳҳои ҳалли институтсионалӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба масъалаҳои таъмини молиявӣ, инвеститсионӣ ва инноватсионии инкишофи соҳибкории хурду миёна дар саноат таваҷҷуҳ зоҳир нанамудааст. Дар баробари ин тавсияҳои коркардшуда ба зинаҳои идоракунии иқтисодиёти, аз он ҷумла сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ҷудо карда нашудааст;

- матни кори диссертатсионӣ бо камбудиҳои зиёди имлоӣ ва забонӣ (омезиши забони форсӣ ва тоҷикӣ) таҳия шуда, зимнан ,f]pt калима ва ибораҳо аз нигоҳи мазмун ва қолаб ба талаботи забони давлатӣ ҷавобгӯй нестанд.

Таҳлили ҷиддӣ ва мушикофонаи матни кори диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он нуктаҳои эътимодноки назариявӣ ва амалӣ, унсурҳои дорои хусусияти навгонии илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мавҷуданд. Камбудӣ ва эродҳои дар боло овардашуда сатҳи асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

**V. Мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 тасдиқ шудааст**

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионии тақризшаванда кори анҷомшудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии чопшуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна нақши муҳим доранд.

Ҳамин тавр кори диссертатсионии Алии Таҳассурӣ дар мавзӯи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳримҳои иқтисодӣ (дар мисоли саноати устони (вилояти) Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон ва 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) пешниҳод шудааст ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошанд. Мазмун ва хулосаву тавсияҳои кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон ва 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) мувофиқ буда, муаллифи он Алии Таҳассурӣ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои пешниҳодшуда мебошад.

Муқаррризи расмӣ,
муовини ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ
н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А.

*Имзои н.и.и., дотсент Қодиров Фируз Абдулҳафизовичро тасдиқ менамоям.*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ ________ Раҷабов Б.С.*

*Суроға:*
*734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj*
*Тел.: +992 918 95 51 55. E-mail: f.kodirov84@mail.ru*